Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 10 (4593) | ҶУМЪА, 6 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
| --- | --- | --- | --- |

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАҲРИКБАХШИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии кишвар ба соҳаи соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои рушду инкишофи он, ҷорӣ кардани сабукиву имтиёзҳо ба соҳибкорон ва ҳавасмандгардониву дастгирии онҳо мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадор мегарданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат 16-уми апрели соли 2005 тазаккур доданд, ки «... афзоиши даромади буҷети давлатӣ набояд бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз ба иқтисодиёт, балки аз ҳисоби вусъат додани заминаи андозбандӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хусусӣ, махсусан, соҳибкории хурду миёна, маҳдуд намудани доираи фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ, беҳтар ба роҳ мондани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ, анҷом дода шавад».

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 15-уми апрели соли 2009 дар шароите пешниҳод гардид, ки саросари ҷаҳонро буҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ фаро гирифта буд. Сарвари давлат ба хотири нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат доир ба вазъи иқтисоди кишвар, роҳҳои то ҳадди имкон кам кардани таъсири манфии буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ изҳори андеша карданд. Дар чунин вазъият Ҳукумати мамлакат муваззаф гардид, ки масъалаи аз нав дида баромадани захираҳои моддиву молиявиро бо мақсади ба соҳаҳои афзалиятнок равона сохтани онҳо баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйироти дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009» пешниҳоди мушаххас манзур намояд. Ба Ҳукумати мамлакат низ супориш дода шуд, ки оид ба кам кардани меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 20 то ба 18 фоиз, андоз аз фоида аз 25 то ба 15 фоиз ва бартараф кардани дигар монеаҳо доир ба андозбандӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия ва пешниҳод намояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 20-уми апрели соли 2011 оид ба идома додани ислоҳот дар бахши андоз вобаста ба ҳар чӣ сода кардани низоми андозбандӣ ва кам кардани шумораи андозҳо тавассути муносиб сохтани миқдори умумии онҳо ишора гардид ва ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки то нимсолаи дуюми соли 2012 лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳрири нав таҳия намуда, ба муҳокимаи он доираи васеи мутахассисону коршиносон, соҳибкорон ва дигар андозсупорандагонро ҷалб намояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми мазкур мужда доданд, ки бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар истеҳсолот бо назардошти ҷалб намудани техника ва технологияи муосир ва тадриҷан афзун кардани истеҳсоли маҳсулот дар дохили мамлакат барои ҳама гуна тафтишу санҷиши фаъолияти соҳибкороне, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд, дар муддати се соли аввал мораторий эълон карда мешавад. Инчунин, ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ»-ро таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 20-уми апрели соли 2012 бори дигар ба бахши соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, бо мақсади рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории соҳа ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд. Инчунин, ҷиҳати ба шароити муосири танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ, аз қабили кам кардани шумораи мақомоти назоративу санҷишҳо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ муваззаф шуд, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия карда, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд.

Роҳбари мамлакат дар Паёмашон, ки 20-уми апрели соли 2012 ироа гардид, бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ пешниҳод намуданд, ки «дар лоиҳаи Кодекси андоз номгӯи андозҳо то 50 фоиз кам карда, аз ҷумла андоз аз фурӯши чакана, пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ озод карда шавад».

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Мувофиқи дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагон ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти мамлакат, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида ва самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар барои мулоқот бо интихобкунандагон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат сафар карданд.**

**Чунончи, сеюми январи соли равон дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар вохӯрии муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии якмандатаи Бохтар №26 Маҷидзода Сарвиноз ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ Зафар Ализода бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Маҳмадалӣ Ватанзода зимни баромад ба таври мухтасар аз хусуси мазмун ва муҳтавои Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳарф зада, онро дастури раҳнамунсоз ҷиҳати пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат маънидод кард.

Гуфта шуд, ки муҳтавои Паёми Сарвари давлатро таҳкими истиқлолияту ваҳдати миллӣ, вусъати корҳои созандагию бунёдкорӣ, татбиқи босамари санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаву консепсияҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллӣ ташкил медиҳанд, ки иҷрои онҳо аз ҳар фарди ватандӯсту худшинос масъулияти ҷиддиро тақозо менамояд.

Ҳамчунин, вакилон Маҷидзода Сарвиноз ва Зафар Ализода доир ба нуктаҳои асосии ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз ва барномаи мукаммали созандагию бунёдкорӣ дар мамлакат ибрози андеша карданд.

**Чоруми январи соли равон мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ дар толори Беморхонаи марказии №1-и шаҳри Хуҷанд бо интихобкунандагон, фаъолони шаҳр ва табибону донишҷӯён баргузор гардид. Дилрабо Мансурӣ нуктаҳои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шарҳу тавзеҳ дода, дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии кишварамонро дар ин давра мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.**

- Сарвари давлат аз меҳнати садоқатмандона ва аҳлонаи сокинони кишвар дар соли хеле вазнин, ки бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфтааст, ёдовар шуда, таъкид доштанд, ки дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт, - зикр кард Дилрабо Мансурӣ.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастовардҳои соҳаи тандурустӣ низ ҳарф зада, аз ҷумла, гуфт, ки бо дастгирии Пешвои миллат дар чор соли охир ба кишвар дар ҳаҷми беш аз як миллиард сомонӣ 200 номгӯи таҷҳизоти муосири тиббӣ ворид карда шуд, ки ба беҳдошти вазъи солимии ҷомеа ва коҳиши ба хориҷи кишвар рафтани маризону ниёзмандон мусоидат намуд.

Ҳамчунин, ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Бобоҷон Ғафуров, №14 Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ бо интихобкунандагон дар маҷлисгоҳи Ҷамоати деҳоти «Хистеварз»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, аз ҳавзаи интихоботии Конибодом, №19 Раҷабзода Равшан Муҳитдин бо интихобкунандагон ва фаъолони шаҳр дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом баргузор гардид.

**Сеюми январи соли 2023 дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим бо сокинону фаъолони ноҳия доир гардид.**



Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон зимни вохӯрӣ таваҷҷуҳи интихобкунандагонро ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, инчунин, мақсаднок паси сар кардани мавсими зимистонгузаронӣ, захираи маҳсулоти ғизоӣ, истифодаи босамари ҳар қитъа замини бекорхобидаю наздиҳавлигӣ, пешгирии ҳама гуна қонуншиканӣ дар ҷомеа ва дигар мавзӯъҳои мубрам ҷалб кард.

Сипас, Қодири Қосим ба пурсишҳои интихобкунандагон вобаста ба татбиқи нишондодҳои асосии Паём посух гардонда, ба сокинон барои иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат барори кор таманно кард. Баъдан муовини раиси ВМКБ Нилуфар Асламшоева ва раиси ноҳияи Шуғнон Ҷумъа Ҷумъазода баромад карда, аз ҷумла, гуфтанд, ки бо ҳидояту дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шуғнон корҳои созандагӣ роҳандозӣ гашта, аҳли ноҳия дастовардҳои даврони истиқлолияти давлатиро аз ҳарвақта бештар гиромӣ медоранд ва минбаъд низ барои ободии кишвари азиз талош хоҳанд кард.

**Чоруми январи соли равон дар ноҳияи Ванҷ вохӯрии муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим бо интихобкунандагон доир гардид, ки зимни он нуктаҳои муҳими Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шарҳу тавзеҳ дода шуд.**

Аз ҷумла, зикр гардид, ки дар ҳар Паёми Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ доир ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат маълумот дода шуда, нишондоди беҳтар гардидани сатҳи зиндагии сокинон пешниҳод мегардад. Инчунин, барои беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии сокинони мамлакат зина ба зина музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ баланд бардошта мешавад.

Қодири Қосим зимни баромад, ҳамчунин, иброз дошт, ки сокинон бояд минбаъд ба истифодаи самараноки замин, сарфакорона истифода бурдани неруи барқ, таълиму тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ аҳамияти хоса зоҳир карда, ба созандагиву ободкории диёр бештар машғул гарданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳои интихобкунандагон посух дода, пешниҳоду дархостҳояшонро шунид.

**Вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода ва Парвина Маликзод дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе сеюми январи соли равон баргузор шуд.**

Дар он муҳтавои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба интихобкунандагон шарҳу тавзеҳ дода шуд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ банақшагирии самти иқтисоди миллиро мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дода, чунин таъкид карданд: «Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд».

Дар мулоқот роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, мудирони шуъбаю бахшҳо, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, раисони маҳаллаҳо, имомхатибон ва дигар фаъолони ноҳия иштирок доштанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Саид Давлаталӣ**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Саид Давлаталӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 487**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Каримзода С. Ғ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Каримзода Саъдӣ Ғафор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 488**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Амонзода Ш. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Амонзода Ширин Шодӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 489**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси вилояти Хатлон озод намудани Ҳакимзода Қ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳакимзода Қурбон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 490**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳасанзода Г. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 491**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод намудани Давлатзода З.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Давлатзода Зафарбек бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 492**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳакимзода Қ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҳакимзода Қурбон вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 493**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳасанзода Г. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҳасанзода Гулнора Кенҷа вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 494**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Хатлон таъин намудани Саид Давлаталӣ**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саид Давлаталӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 495**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Нурмаҳмадзода Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Нурмаҳмадзода Ҷамшед директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № 496**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шокирзода Шодмон Шариф бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № АП-319**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Асо Нурулло Асват муовини якуми директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 5 январи соли 2023, № АП-320**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 1, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Зувайдзода М. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд бо сабаби вафот аз вазифаи раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 2, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Холмурод Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Холмурод Раҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 3, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сироҷиддинзода Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сироҷиддинзода Баҳриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 4, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонзода А. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Абдуғаффор Азиз бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 5, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Маҳмадуллозода Н. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 6, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Мирзозода Н. Ю.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Низом Юсуфӣ раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 7, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Давлатзода З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Зафарбек директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2023, № 8, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сироҷиддинзода Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сироҷиддинзода Баҳриддин директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАҲРИКБАХШИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Мавриди ёдоварист, ки дар асоси дастуру супоришҳо ва талаботи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 20-уми апрели соли 2011 ва 20-уми апрели соли 2012 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (17-уми сентябри соли 2012) қабул гардид.

Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017 аз санҷишҳои беасосу такрории субъектҳои соҳибкорӣ ибрози нигаронӣ карда гуфтанд, ки «мутобиқи қонунҳои амалкунанда айни ҳол фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро 78 мақоми санҷишу назорат ва иҷозатдиҳандаву иҷозатномадиҳанда, инчунин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Бо сабаби он ки санҷишҳо асосан нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд, дар нуҳ моҳи соли 2017 ба ҳар як шахси ҳуқуқии фаъолияткунанда 5 санҷиш рост омадааст».

Дар ҳамон Паём Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки «бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ, ба истиснои санҷишҳои нақшавии мақомоти андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ дар давоми ду соли минбаъда мораторий эълон карда шавад».

Ҳамчунин, барои иҷрои талаботи ҳамин Паём Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» (21-уми феврали соли 2018) қабул карда мешавад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро муайян намуда, тартиби татбиқи мораторийро муқаррар ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ҳифз менамояд. Мувофиқи сархати якуми моддаи 1 қонуни зикршуда: «Мораторий ба санҷишҳо - ин муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳои дар асоси қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мебошад».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар 26-уми декабри соли 2018 оид ба дастгириву рушди соҳибкорӣ, бахусус фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва такмили қонунгузории соҳаи мазкур, изҳори ақида карда, таъкид ба амал оварданд, ки соли 2018 бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон намудем, ки аз он қариб 2000 субъекти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархӯрдор гардиданд.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба ин раванд, Президенти мамлакат зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ гардида, муқарраroти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти андозу гумруки мамлакат, низ татбиқ карда шаванд.

Бо мақсади таъмини риояи дақиқи муқарраroти қонунгузорӣ дар самти мораторий Президенти мамлакат дар Паём (26-уми декабри соли 2018) ба Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Ҳамчунин, бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон ва ҳавасмандгардонии онҳо Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки дар кишварамон «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» амалӣ карда шавад.

Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат 26-уми декабри соли 2019 дар бораи дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, чунин таъкид намуданд: «Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад».

Дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар 26-уми январи соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси сари вақт таҳия ва ба баррасии мақомоти қонунбарор пешниҳод нагардидани лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори нигаронӣ намуда, ба роҳбарияти вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазоратҳои дахлдор муроҷиат карда, таъкид сохтанд, ки ин корро бояд сари вақт иҷро ва кашолкорӣ набояд кунанд. Ин навбат Сарвари давлат дар Паёми зикршуда ба Вазорати молия супориши қатъӣ ва мӯҳлат доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо назардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи марти соли 2021 ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд.

Дар натиҷа, лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Паёми Президенти кишвар таҳия шуда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар манзур карда шуд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат онро баррасӣ ва қабул намуд. Кодекси зикршуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи кишвар 23-юми декабри соли 2021 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми декабри соли 2022 низ ба масъалаи соҳибкорӣ эътибори ҷиддӣ дода, Ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Вобаста ба масъалаи зикргардида лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар таҳрири нав таҳия гардида, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати мамлакат ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод карда шуд. Яъне, дар заминаи лоиҳаи қонуни зикргардида, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муттаҳид гардида, минбаъд муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат ба масъалаи соҳибкорӣ, ки сарчашмаи фароҳам овардани ҷойҳои нави кор, беҳтар кардани шароити иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти ватанӣ мебошад, диққати махсус медиҳанд ва ба Ҳукумати кишвар, дигар мақомоту идораҳои марбута ҷиҳати дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон, рушду инкишофи соҳаи соҳибкорӣ, таъмини фаъолияти озоди соҳибкорон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон ва бархӯрдор намудани онҳо аз имтиёзҳо пайваста дастуру супоришҳои мақсаднок медиҳанд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

**Вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода, Сурайё Дӯстмуродзода ва Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода бо кормандони соҳаи тибби шаҳри Ҳисор дар маркази саломатӣ ва Беморхонаи маркази ноҳия доир гардид.**

Вакилон иброз доштанд, ки дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳилаи «ҷанги сард» ба халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо, ба вуқӯъ омадани бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ боис гардидааст.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, хусусан нархи маҳсулоти ғизоӣ, ба таври бесобиқа боло рафтанд.

Сурайё Дӯстмуродзода нуктаи Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шуда, аз ҷумла, гуфт: «Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид».

Вакилон, ҳамчунин, доир ба баланд гаштани музди миёнаи меҳнат дар кишвар ва коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 низ маълумот доданд.

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Тағойзода Сумангул, вакили Маҷлиси намояндагон Ашӯрзода Гулбаҳор ва вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон Умедхоҷаи Зоир чоруми январи соли равон бо роҳбарият ва хизматчиёни давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мулоқот карданд.**

Вакилон оид ба мазмуну муҳтавои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ баромад карда, нуктаҳои муҳими онро шарҳ доданд. Зикр гардид, ки Паём ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз ва барномаи мукаммали созандагию бунёдкорӣ буда, татбиқи дастурҳои он барои пешрафти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат замина мегузорад.

**- Пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ, таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва тарбияи ватандӯстӣ дар ниҳоди ҷавонон аз масъалаҳои муҳими Паёми имсолаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, он дастури муҳим ва раҳнамунсоз барои ҳар як сокини кишвар ба ҳисоб меравад, - зикр кард вакили Маҷлиси намояндагон Ғайрат Азиззода зимни мулоқот бо интихобкунандагон, ки 4-уми январи соли 2023 дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ баргузор шуд.**

Дар ҷараёни вохӯрӣ аз ҷониби вакили Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, доир ба беҳтар хизмат расонидани соҳаи тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ободии роҳҳо, истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, хушунат ва зӯроварӣ дар оила, инчунин зери назорат гирифтани муҳоҷирони меҳнатии дар хориҷи кишварбуда, ҷалби занону бонувон ба корҳои ҷамъиятӣ ва вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таҳсилот андешаҳо иброз гардиданд.

**Чоруми январи соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи Неругоҳи барқи обии «Норак» вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии якмандатаи Данғара №36 Зулфиқор Гулаҳмадзода бо кормандони неругоҳ баргузор гардид.**

Зимни шарҳи нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат аз сокинон фаъолнокию саҳмгузорӣ дар ободию пешравии ҷомеа, сарфакорона истифода бурдани неруи барқ, истифодаи дурусти заминҳои наздиҳавлигӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ даъват карда шуд.

Сипас, муроҷиату пешниҳоди сокинон шунида шуда, дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои барои ҷомеа муҳим тавсияҳои судманд манзур гардид.

**Чоруми январи соли 2023 вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон Зоир Раҳмонзода ва Гавҳар Шарофзода низ дар ноҳияи Панҷ бо интихобкунандагон доир гардид. Зимни он нуктаҳои асосии Паёми Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шарҳ дода шуд.**

Зикр гардид, ки паёмҳои Пешвои миллат фарогири масъалаҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш, сайёҳӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошанд.

**Чоруми январи соли равон мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Кӯшониён №27 Шодиён Муҳаммад Султонзода бо фаъолон ва сокинони деҳоти «Меҳнатобод» ва шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён баргузор гардид.**

Вакили мардумӣ зимни баромадаш гуфт, ки ҳадафи Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шоистаи мардум буда, вазъи ҳассоси ҷаҳон моро водор месозад, ки барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем.

- Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои беруна, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд, - гуфт Шодиён Муҳаммад Султонзода.

Зикр шуд, ки соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шудааст. Шодиён Муҳаммад ҷиҳати расидан ба ин дастовардҳои бузурги соҳаи кишоварзӣ дар соли сипаригардида миннатдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба заҳматкашони ноҳия расонид. Инчунин таъкид гардид, ки барои боз ҳам ба муваффақиятҳои бузург ноил гардидан бояд дар соли равон низ софдилона меҳнат карда, барои рушди босуботи кишвар саҳми арзанда гузорем.

Дар фарҷом чанде аз интихобкунандагон ба Шодиён Муҳаммад Султонзода суолҳо дода, ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Машҳур ИМОМНАЗАР, Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, Мухтори АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# БА ҶОИ ҶАЗО (ҲИКОЯ)

**Ҷэк, пеш аз он ки суръати ҳаракатро паст кунад, нигоҳе ба суръатсанҷ андохт. Дар ҷое, ки суръати ҳаракат 80 километр иҷозат дода шудааст, ӯ бо суръати 120 километр мерафт ва давоми чор моҳи охир бори чорум буд, ки мошинашро нозири роҳ нигоҳ медошт. Мошинро ба канори рости роҳ нигоҳ дошта, худ ба худ мегуфт: «Магар инсон ҳамин қадар бетолеъ мешавад?».**

Нозири роҳ дафтари ғафс дар дасташ аз мошин фаромад. Вақте ки Ҷек дид ӯ дӯсти полисаш Боб аст, худро ба курсӣ пахш кард. Ин вазъият бадтар аз муҷозот буд, зеро ба сабаби риоя накардани қоидаи роҳ аз ҷониби дӯсташ боздошта шуд. Хиҷолат кашид.

- Салом, Боб! – гуфт ӯ чеҳраашро моил ба табассум карда. – Якдигарро дар чунин ҳол вохӯрдан бисёр нохуш аст, ҳамин тавр не?

- Салом, Ҷэк! – Боб табассум намекард.

- Маро боздошт кардӣ. Ба назди зану бачаҳоям мерафтам.

- Дар ҳақиқат? – бетафовут ба назар мерасид Боб.

- Рӯзҳои охир ба хона дер мерафтам. Бачаҳоям дер боз маро надидаанд. Ҳамчунин, Диана ба ман гуфт, ки имшаб гӯшту картошкаи бирён мехӯрем. Медонӣ манзурам чист?

- Манзуратро медонам, қоидаи роҳро вайрон карданатро ҳам мефаҳмам, - гуфт Боб.

«Ман бояд коре кунам, бояд усулро тағйир диҳам» - фикр мекард Ҷэк. Ӯ ҳам кӯшиши аз мошин фаромадан дошту ҳам гап мезад.

- Вақте ки маро доштӣ, суръати ҳаракатам чанд буд?

- 120 километр. Хоҳиш мекунам ба мошинат гузашта шин.

- Боб, илтимос як лаҳза исто. Вақте ки туро дидам, ба суръатсанҷи мошин нигаристам. Суръати ҳаракатам 100 километр буд.



- Лутфан, Ҷэк, ба мошинат савор шав! – таъкид кард Боб.

Ҷэк бо асабоният савори мошин шуд ва дарро сахт пӯшид. Боб ба дафтараш чизе менавишт.

«Чаро шаҳодатномаи ронандагиамро намепурсад?» - фикр мекард Ҷэк. Ӯ Бобро гоҳ-гоҳ дар шабнишиниҳои дӯстон медид. Барои он ки дигар бо ӯ рӯ ба рӯ наояд, тасмим гирифт муддати тӯлонӣ ба он шабнишиниҳо намеравад.

Боб омад ва хоҳиш кард, ки тирезаро кушояд. Коғазе дар даст дошт. Дӯсташ, ки дар аввал каме тарсида буд, коғазро ба даст гирифта, «Ин муҷозот нест!» гуфту хурсанд шуд. Боб, ки коғазро ба дӯсташ дода, аллакай аз он ҷо рафта буд, чунин навиштааст:

«Дӯсти азизам, Ҷэк, ман як духтар доштам. Ҳанӯз шашсола буд ва нафаре бо суръати баланд мошин ронда, ӯро ба ҳалокат расонд. Ронанда барои хатояш муҷозот шуд ва се сол ба ҳабс маҳкум гардид. Ӯ аз маҳбас озод шуда, ба назди бачаҳояш рафт. Онҳоро оғӯш гирифт, бӯйиду такрор ба такрор бӯсид. Аммо барои он ки ман духтарамро бибӯяму бибӯсам, бояд то биҳишт интизор шавам. Он мардро ҳазор бор кӯшиши бахшидан кардам. Ин хеле душвор буд. Шояд муваффақ шуда бошам, вале то ҳол духтарамро фикр мекунам. Аз ту хоҳиш мекунам, Ҷэк, ба хотири ман боэҳтиёт бош, чунки ҳоло танҳо як писарам мондааст.».

Ҷэк муддате аз ҷояш наҷунбид. Баъд ба худ омад. Мошинро оҳистаоҳиста ронда, хонааш рафт. Вақте ки ба хона расид, чизе нагуфт, хомӯшона зану бачаҳояшро ба оғӯш гирифт.

**Таҳияи М. УСМОН, «Садои мардум»**

---

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 27-уми январи соли 2023 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли бароориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Тойота РАФ – 4 | 943 ZE 01 | 2002 | Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳияи Данғараи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | 35 000 |
| 2 | ГАЗ – 3102 | 21-00 В 02 | 1998 | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | 9 600 |
| 3 | ГАЗ – 3102 | 12-11 В 02 | 1999 | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | 9 600 |
| 4 | ВАЗ – 2107 | 44-40 А 02 | 1999 | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | 4 000 |
| 5 | ЗИЛ – 130 | 731 ZN 01 | 1989 | Раёсати таъмиру сохтмони назди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 16 000 |
| 6 | ЗИЛ – 130 | 703 ZN 01 | 1985 | Раёсати таъмиру сохтмони назди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14 400 |
| 7 | Газел ГАЗ – 3302 | 767 ZB 01 | 2003 | Раёсати таъмиру сохтмони назди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9 600 |
| 8 | ВАЗ – 21074 | 277 ZC 01 | 2004 | Раёсати таъмиру сохтмони назди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4 800 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 47/1 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74. шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И.Сомонӣ - 47/1 тел: 83422 4-21-83, мобилӣ 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

# ЭЪЛОН!

**Корхонаи воҳиди давлатии «Қонуният»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои холии зерин мутахассисонро ба кор даъват менамояд:**

1. Нозири кадрҳои шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузорӣ - 1 баст, маош - 2405 сомонӣ
2. Коргузори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузорӣ - 1 баст, маош - 1560 сомонӣ
3. Маъмур - корбар (забони тоҷикӣ)-и шуъбаи пешбурди махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ ва рақамикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - 1 баст, маош - 2405 сомонӣ
4. Маъмур - корбар (забони русӣ)-и шуъбаи пешбурди махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ ва рақамикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - 1 баст, маош - 2405 сомонӣ
5. Маъмури техникии шуъбаи пешбурди махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ ва рақамикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - 1 баст, маош - 1560 сомонӣ
6. Барномасози ТИК -и шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ - 1 баст, маош - 2470 сомонӣ
7. Мутахассиси ТИК-и шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ – 1 баст, маош - 1560 сомонӣ
8. Муҳаррири забони тоҷикии шуъбаи иттилоот ва табъу нашр – 1 баст, маош - 2405 сомонӣ
9. Муҳаррири забони русии шуъбаи иттилоот ва табъу нашр – 1 баст, маош - 2405 сомонӣ
10. Мусаҳҳеҳ (забони тоҷикӣ)-и шуъбаи иттилоот ва табъу нашр – 1 баст, маош - 1690 сомонӣ
11. Муҳандиси компютер (ҳайати техникӣ ва хоҷагидорӣ) – 1 баст, маош - 2000 сомонӣ
12. Дизайнери ҳайати техникӣ ва хоҷагидорӣ – 1 баст, маош - 1820 сомонӣ
13. Муқовабанди ҳайати техникӣ ва хоҷагидорӣ – 1 баст, маош - 1560 сомонӣ
14. Устои барқи ҳайати техникӣ ва хоҷагидорӣ – 1 баст, маош - 700 сомонӣ.

Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун 21 рӯзро ташкил медиҳад.

**Барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ ба шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории Корхонаи воҳиди давлатии «Қонуният»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (http:/// www.adliya.tj), рақами телефонҳои 221 - 34-14, 907-50-10-11, 900-55-41-45 муроҷиат намоед.**

---

# ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

**Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ломбард ташкилоти маблағгузории хурд» ҷиҳати қонеъ намудани талаботи фаъолияти худ як қатор молу мулки багаравмондаи талабнакардаро 13-уми январи соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ғафуров 38«а» соати $10^{00}$ ба музояда мебарорад.**

Шахсони хоҳишманд метавонанд ҷиҳати харидорӣ намудан иштирок варзанд. Иштирок дар музояда ройгон мебошад.

**Молу мулки багаравмондашудаи талабнокардашуда инҳоянд:**

- воситаи нақлиёти тамғаи «Мерседес – Бенс» GLE 350 D, соли бароориш - 2017, рангаш - сиёҳ;
- воситаи нақлиёти тамғаи «Ленд Ровер» (Ренҷ Ровер), соли бароориш - 2006, рангаш - сиёҳ;
- занҷираи гардан, маҳак - 585, панҷ дона;
- гӯшвори тиллоӣ, маҳак - 585, ҳафт дона;
- дастпонаи тиллоӣ, маҳак - 585, ду дона;
- ангуштарини тиллоӣ, маҳак - 585, нуҳ дона.

Нархи лотҳо аз рӯи шартномаи қарзӣ ва гарав муайян карда мешаванд.

---

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

**Правительство Республики Таджикистан при поддержке Всемирного банка приступает к реализации «Проект по улучшению управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ).**

Целью предоставления консалтинговых услуг является оказание консультативной помощи в реализации проекта (АВП по техническим, финансовым, юридическим, экологическим, социальным и гендерным вопросам, институциональным и коммуникационным вопросам).

В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

| № | Вакантная позиция | Квалификационные требование |
|---|---|---|
| 1 | Менеджер проекта (местный) 1 позиция | Высшее образование в области сельского хозяйства, гидро инженерно-технической сферы или другое соответствующее образование и опыт работы руководителя не менее 12 лет. Опыт работы в международных проектах в т.ч. в проектах ВБ не менее 8 лет. Хорошие знания компьютера, знание программ Word, Excel. Отличные знания письменного и устного русского и таджикского языков. Знание английского языка является преимуществом |

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности.

- ✓ Заявление на участие в конкурсе
- ✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке
- ✓ Копия диплома об образовании
- ✓ Копия паспорта
- ✓ Копия трудового книжки
- ✓ Копии ИНН, СИН
- ✓ Справка об отсутствии судимости
- ✓ Медицинская справка о здоровье
- ✓ Справка о место жительства
- ✓ Фотография 3 х 4 (4 штук).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, кабинет 6 офис ЦУП УВРФД).

Окончательный срок представления документов 20.01.2023 г. до $10^{00}$ часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседования.

---

# ДИҚҚАТ! ОЗМУН!

Муассисаи давлатии рӯзномаи «Баҳори Аҷам» барои чопи рӯзнома дар соли 2023 озмун (тендер) эълон менамояд. Дар озмун танҳо матбааҳои ватанӣ ширкат карда метавонанд.

**Қабули дархостҳо - то 10 январи соли 2023.**

**Тел.: 907-70-28-69.**

# ЭЪЛОН!

Корхонаи полиграфии табъу нашр мутахассисони соҳаи полиграфиро ба кор даъват менамояд. Музди меҳнат - шартномавӣ.

**Телефон барои маълумот: 0000 91500.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дастгоҳи хазинавии «Миника 1102 Ф», «1020214 марбут ба соҳибкори инфиродӣ Аҳмадова Зумрад Ҳикматовна (РМА 015028169, РЯМ 013018351) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Сарикиштӣ (ҳоло ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) ба Шехов Маджид додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии №1001444- и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Айнӣ соли 2021 ба Надиров Хайриддин Нуриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0242477- и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 7-уми августи соли 2009, №583 ба Саидов Ҷумахон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Конститутсия (ҳоло ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) ба Саидов Ҷумахон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0219941- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 11-уми феврали соли 2016 ба Раҳматов Маҳмуд Муҳаммадиевич (РЯМ 6030114338, РМА 605135371) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0219993- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 27-уми феврали соли 2016 ба Холмуродова Санавбар Аюбовна (РЯМ 6030114815, РМА 605478156) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т- АТА №1222664-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №118-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Исломзода Саидэҳсони Илёс додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ тахти қайди №6459 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун, Гармхона ба Ширкати комили «Шукрона- 2002» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликияти гумшудаи силсилаи НТ №0043977- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 22-юми августи соли 2011 таҳти феҳристи 3 ДШ-и 194 ба Ширкати комили «Шукрона- 2002» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №012920-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) аз 5-уми декабри соли 2001 №509 бо бақайдгирии рақами 1573 ба Ширкати комили «Шукрона- 2002» додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродии бо РЯМ №0100168-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2020 ба Давлатов Алишер додааст, эътибор надорад.

✓ Шартнома оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартираи силсилаи ДШ №1228270- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21-уми майи соли 2021 таҳти феҳристи 1Ш -746 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро, бинои 32, блоки Б, квартираи 32 ба Чоршанбиев Одинамамад додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, Иқтибос аз феҳристи баҳисобгирии соҳибкорони инфиродӣ ва ДНХ «Миника 1102 Ф» таҳти №1020924-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба соҳибкори инфиродӣ Пирова Нуқра (РЯМ 0331391693) додааст, эътибор надоранд.

✓ Дипломи ДТК №0069433 - гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ба Хонимкулов Отабек Буриевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0081039- и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ соли 2014 ба Кукаев Шухратжон Чориевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0069452 –и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ба Садатов Журабек Турдиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ таҳти қайди №5669- и гумшуда, ки онро КФБТ- и шаҳри Ҳисор 8-уми июли соли 2004 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи А. Сино, бинои 11, ҳуҷраи 3 ба Шарифова Зуҳро Азизовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии экскаватори тасмачархи тамғаи «Хундай ROBEX 220 LCR», соли бароориш- 2014, рақами заводии D 0055108-и гумшуда эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0356472- и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24-уми апрели соли 2018 ба Наимова Сановар Рахматовна (РЯМ 0430257465) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0299200- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 18-уми майи соли 2017 ба Фаёзова Саёҳат Мирзоевна (РЯМ 6030019655, РМА 605066570) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун бо силсилаи СД №1006753- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 20-уми июни соли 2019 таҳти рақами 6М-63 ба Отабоев Маҳкам Худойбердиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АИ №210927-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Айнӣ соли 1995 ба Шарипова Муҳайё Абубакровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РМА №1830094292- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Ғаниев Алихон додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии гумшуда, мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Каримов Маҳмадалӣ (РЯМ 0130175614, РМА 025219304), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ҶТ №0012365- и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбию техникии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 ба Абдураҳмонов Атабек Муроталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 63/2, квартираи 4 ба Маликов Ҳасан Нумонович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0084855 - и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 10-уми январи соли 2019 ба Ҷиёнов Хуршед Ҷафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи №0000078- и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2006 ба Джоши Вишвас додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД ноҳияи Сино, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, бинои 1/7, квартираи 113 ба Азизов Саидакрам Ёдгорович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БТ №949313- и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Қубодиён соли 1982 ба Дилоев Исмон Раҳмудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЕВ №231701 таҳти қайди №1321-и гумшуда, ки онро Институти педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) 3-юми июли соли 1978 ба Олимбеков Иброҳим додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии ИҶ 1332 аз 21-уми сентябри соли 2010 ва рақами азнавбақайдгирии №1332 А аз 7-уми июли соли 2015 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ЧДММ «Наҷиб-98», ки дорои РЯМ №1910006203 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

---

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди комёби ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 6 январи соли 2023, соати 15:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35445 нусха*

Навбатдори шумора Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров